# ТАҚРИЗ

ба автореферати Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ” бо он муайян карда мешавад, ки таҳқиқоти мазкур аз низомбандии маълумот оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҷамъоварии маълумоти озмоишӣ, таҳлил ва ҷамъбасткунии натиҷаҳо, пешниҳоди хулосаҳои асосии диссертатсия иборат мебошад. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, объект, предмет, мақсаду вазифа, методология, методҳои таҳқиқот муайян ва фарзия, навгонии илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дақиқ карда шудааст.

Мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ ва дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалии Муассисаҳои давлатии “Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе” ва “Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур” мавриди корбарӣ қарор дода шуданд. Ҳамзамон, дар ин муассисаҳо модели таҳиянамудаи муаллиф оид ба самаранок ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мавриди озмоиш ва пужуҳиши илмӣ қарор дода шуда, натиҷаи он дар диссертатсия ҷамъбаст карда шуданд.

Ба муаллиф муяссар шудааст, ки вижагиҳои методологӣ ва педагогии шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагиро ошкор намояд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки он дар ғанӣ гардидани назария ва амалияи таҳсилоти педагогӣ бо дониши муосири илмӣ мусоидат мекунад. Дар таҳқиқот консепсияҳои асосии марбут ба рушди потенсиали эҷодӣ дақиқ карда шуда, шароитҳои нави ташкилӣ ва педагогӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба ташаккули самараноки малакаҳои эҷодӣ мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ,

таҳқиқот ба рушди соҳаи таълимӣ саҳм гузошта, онро бо донишҳои нав ва фаҳмиши равандҳои ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ғанӣ мегардонад. Ғайр аз ин, онҳо метавонанд ҳамчун асоси муҳим барои таҳқиқоти оянда дар ин самт ё барои омӯзиши масъалаҳои мушаххаси марбут ба мавзуъ истифода шаванд.

Нақшаҳо ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Инчунин ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳуриявӣ ва дохилиидоравӣ, маводҳои таълимӣ, таълимӣ – методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, адабиёти энсиклопедӣ ва маълумотномавӣ, натиҷаҳои таҳқиқотҳои ҷомеашиносӣ, мавод аз нашрияҳои даврӣ ва Интернет самаранок ва бомавқеъ, истифода шуданд. Навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводи таърихӣ ва асарҳои педагогҳои ватанӣ, таҷрибаи ҷамъбастшудаи пешқадами педагогӣ ва таҷрибаи бисёрсолаи шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбиро ташкил медиҳанд. ки то андозае аниқ карда шудааст.

Таҳсилоти иловагӣ дорои имкониятҳои фаррохи фароҳамоварии шароитҳо барои худтакмилдиҳӣ ва ошкорсозии қобилиятҳои кӯдакон буда, низоми таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ бо дарназардошти сарбории зиёди вобаста ба иҷроиши барномаҳои таълимӣ имконияти амалӣ ва реалии дарёфт ва инкишофи зарфиятҳои эҷодии кӯдаконро надоранд. Аз ин ҷо, аксаран, кӯдакон дар раванди таҳсил дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ пойбанди барномаҳои таълимӣ гардида, имкони ошкор намудани қобилиятҳои худро намеёбанд, аммо онҳоро ба таври васеъ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ месозанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалии Муассисаҳои давлатии “Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе” ва “Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур” мавриди корбарӣ қарор дода шуданд. Ҳамзамон, дар ин муассисаҳо модели таҳиянамудаи муаллиф оид ба самаранок ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мавриди озмоиш ва пужуҳиши илмӣ қарор дода шуда, натиҷаи он дар диссертатсия ҷамъбаст карда шуданд.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал таҳия шуда, доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, дар матни автореферати он ғалатҳои грамматикӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон бояд хотиррасон кард, ки ин камбудиҳо ба арзиши назариявию амалии кори илмӣ таъсири зиёд намерасонанд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи зарурӣ бо риояи муқаррароти Дастурамал иҷро карда шудааст.

Хулоса, таҳқиқоти Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ” ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
Номзади илмҳои педагогӣ,
Директори Муассисаи давлатии “Маркази
дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди
Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе” Султонзода Н.Л.

03.12.2024


Маълумот барои тамос:

Суроға: 735034, Ҷумҳурии Тоҳикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳлавӣ - 5. Тел.(+992) 988611155;


*Имзои Султонзода Нигора Латифро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Муассисаи давлатии "Маркази
дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди
Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе" М. Камолова